# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Шарифӣ Субҳиддин Ҳабибулло дар мавзуи “Рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D51000- Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D51001- Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмӣ пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ. Тоҷикистон метвонад фақат дар ҷараёни навкунии ҳаматарфаи иқтисодиёташ рушди муваффақонаро дар шароити рақобати сахт дар бозори ҷаҳонии ҳамлу нақли борҳои ҳоҷагии ҳалқи кишвар ва транзитӣ дошта бошад. Ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон яке аз вазифаҳои стратегии Ҳукумати кишвар ба ҳисоб меравад.

Яке аз омилҳои қафомонии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон ҳолат ва сатҳи пасти рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, аз сабаби нарасидани маблағ мебошад.

Бояд гуфт, ки инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ маҷмӯи роҳҳои автомобилгард (болопӯши роҳ), иншооти муҳандисии таъинот барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт дошта (пулҳо, хатҳои роҳ, эстакадаҳо), иншооти гидротехникӣ (нақбҳо), объектҳои хизматрасонӣ дар роҳ, ҷузъҳои ободонии роҳ ва умурҳои хизматрасонии роҳро дар бар мегиранд.

Агар инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ фаъолияти судманд дошта бошанд, он гоҳ ин ба объектҳои инфрасохторӣ имконият медиҳад, ки арзиши аслии боркашонӣ ва мусофирбарӣ ҳатто дар дохили кишвар низ паст гардида, раванди ҳамлу нақл тезонида шаванд, маҳдудиятҳои дар қобилияти нақлиётгузаронии роҳҳо ва дастарсии аҳолӣ ба хизматрасониҳои нақлиёти автомобилӣ ҷойдошта бартараф ва муҳити сармоягузорӣ, дар заминаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ, дар умум барои кишвар беҳтар карда шавад.

Аз сабаби он, ки инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ, ба монанди дигар роҳҳои истифодаи умум дар тавозуни давлат қарор доранд, давлат ба инкишофи роҳҳо дар кишвар ҳавасманд аст, зеро ин соҳа барои давлат маблағталаб буда, он ба тарзи анъанавӣ аз ҷониби давлат пардохт карда мешавад.

Аз ин рӯ, мавзӯи кори илмии Шрифӣ Субҳиддин Ҳабибулло дар таъмини рушди инфрасохтори роҳҳо ва долонҳои нақлиётии

автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ – саривақт ва хеле мубрам мебошад.

Шарифӣ Субҳиддин Ҳабибулло соли 2021 докторантураи (PhD) Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дохил шуда, онро соли 2024 хатм намуда, диссертатсия барои дифоъ пешниҳод намудааст.

Алҳол, Шарифӣ С.Ҳ. дар кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси ассистент кор в фаъолият мекунад.

Кори диссертатсионии Шарифӣ С.Ҳ. аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ; навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шуданд.

Дар боби 1 “Масъалаҳои назариявии рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ” асосҳои назариявӣ-эмпирикии ташаккули фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ бо истифода аз механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ таҳқиқ карда шудааст; таҳлили вазъи мавҷудаи инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, пешзаминаҳои истифодабарии механизмҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ муайян карда шуданд. Ҳамзамон, муайян карда шудааст, ки сарчашмаи муҳими сафарбар намудани захираҳо барои инкишофи инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ шарикии давлат бо бахши хусусӣ мебошад.

Дар боби 2 “Таҳлили таносуби нарху сифат дар фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилии Тоҷикистон” хусусиятҳои фарққунандаи истифодаи консепсияи таҳлили таносуби нарху сифат ҳангоми баҳодиҳии афзалияти шарикии давлат бо бахши хусусӣ муқаррар карда шуда, шарҳи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти истифодаи услуби таҳлили таносуби нарх-сифат дар инфрасохтори нақлиёти автомобилии долонҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, усули идораи тағйирот дар фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ ва методологияи идораи тағйирот дар нигоҳдории инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ асоснок карда шуданд.

Дар боби 3 “Самтҳои асосии такмили фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилии Тоҷикистон” муқаррар карда шудааст, ки такмили

фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ яке аз механизмҳои рушди инфрасохтори он мебошад; шарикии давлат бо бахши хусусӣ ҳамчун омили рушди долонҳои нақлиёти автомобилӣ муаррифӣ гардида, собит карда шудааст, ки рушди ҳамкории долонҳои нақлиёти автомобилӣ бо кишварҳои ҳамсоя яке аз воситаҳои рушди ҳамлу нақли транзитӣ ва ба кишварӣ транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон мебошад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Натиҷаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсияи илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ - методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтанд.

Хулоса диссертатсияи Шарифӣ Субҳиддин Ҳабибулло дар мавзуи “Рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D51000-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D51001-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи “Идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ”-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** — **Бобоев Олимҷон**

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, ҳавлии 30.
Телефон: 805555552; E-mail boboev52@mail.ru

*Имзои Бобоев Олимҷон-ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ** — **Насурдинзода А.Н.**

23.10.2025